ДУШАНБЕ, 14.09.2022 /АМИТ «Ховар»/. *Имрӯз, 14 сентябр Суди олии Русия Хизби нахзати исломии Точикистон (ХНИТ)-ро ташкилоти террористӣ эътироф ва фаъолияти онро дар каламрави Федератсияи Русия манъ кард. Тавре АМИТ «Ховар» иттилоъ медихад, дар ин бора рӯзи чоршанбе нашрияи «Известия» хабар дод.*

Мурофиаи судӣ паси дархои баста баргузор шуд.

Каблан Прокуратураи генералии Федератсияи Русия бо талаби террористӣ эътироф намудани ХНИТ ба Суди олии Русия даъво пешниход карда буд.

«Суд даъвои Прокуратураи генералии Федератсияи Русияро дар бораи террористӣ эътироф кардани Хизби нахзати исломии Точикистон ва мамнӯъ намудани фаъолияти он дар каламрави Федератсияи Русия конеъ гардонд», — гуфт намояндаи суд ба Интерфакс.

Дар Точикистон фаъолияти ин ташкилот ханӯз мохи сентябри соли 2015 мамнӯъ эълон шуда буд. Соли 2017 ин хизб ба фехристи ташкилоти террористии сохтори зиддитеррористии СХШ шомил карда шуд.

ХНИТ хамчунин ба «Фехристи ташкилотхои террористӣ ва экстремистӣ эътирофшуда дар кишвархои узви СААД” шомил шудааст, хабар медихад маркази матбуоти ин созмон. ХНИТ ба фехрист тахти раками 65 ворид карда шудааст. Ба ин фехрист хамчунин ташкилоти террористии байналмилалӣ, аз кабили «Ал-Коида», «Давлати исломӣ»,

«Ихвонулмуслимин», «Ансоруллох» шомил гардидаанд.

АКС аз манбаъхои боз